ТАҚРИЗ

Ба автореферати диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи **«Методҳои инноватсионии таълими Алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим»** аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ).

Пас аз ба Истиқлол расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таълиму тарбия вобаста ба воқеияти баамаломада, таҷдиди назар шуда, унсурҳои мавриди ниёз вориди он карда шуданд. Яке аз чунин навгониҳо таълими Алифбои нигон дар МТМУ ва МТОК мебошад. Ҳамагон хуб медонем, ки гузаштагони мо беш аз 1000 сол осори хешро бо ин хат ва ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ офаридаанд ва агар мо ҳама дар якҷогӣ басиҷ шуда, ба баргардонидани он осор ба хатти имрӯза, яъне хатти кирилӣ даст занем, ҳам он осорро ба ин хатт баргардонида наметавонем. Аз ин рӯ, беҳтар мешавад, ки мо он хатро ёд бигирем ва онҳое, ки ниёз пайдо мекунанд, метавонанд осори бо он хат эҷодшударо мутолиа карда, ахбори мавриди ниёзи худро дарёфт кунанд. Нуктаи дигаре, ки мавҷудияти Алифбои ниёгонро барои мо зарур месозад ин бунёди андешаи миллӣ аст, ки мустақиман ба хат ва забон иртибот мегирад. Ҷойгоҳи хатти ниёгон дар фарҳангу тамаддуни мо хеле боло аст. Гузаштагони мо барои маъруфияти он хат корҳои зиёде анҷом доданд ва хаттотони машҳур низ дар гузашта тоҷикон буданд ва тарзи навиштаҳои гуногунро эҷод карданд, ки имрӯз дар олам назир надоранд. Зебоии он хат ва навиштаҳои хаттотони тоҷикро ҳамагон эътироф кардаанд. Аз ин назар, рӯ овардан ба Алифбои ниёгон эҳёи он ва ҷорӣ намудани усулҳои тадриси он дар муассисаҳои таълмии Тоҷикистон кори хайру савоб ва тақозои давру замон мебошад. Ин яке аз роҳҳои баргашт ба асли хеш ва эҳёи ҳисси миллӣ ва ифтихорӣ миллӣ мебошад. Ин нуктаҳои хеле муҳимме дар ташкилӣ давлатдорӣ ва эҳёи давлати миллӣ мебошад.

Дар автореферати Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи «Методҳои инноватсионии таълими Алифбои ниёгон дар асоси

муносибати босалоҳият ба таълим» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба шакли мухтасар ва возеҳ маълумот оид ба таҳқиқоти илмии анҷомдода оварда шудааст.

Автореферати мазкур нуктаҳои асосии рисолаи илмиро фаро гирифта дар доираи талабот нисбат ба авторефератҳо таҳия шудааст.

Дар муқаддимаи автореферат мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ шарҳу тавзеҳ гардидааст.

Дар қисмати тавсифи умумии таҳқиқот дар бораи мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ, фарзияҳои илмӣ, марҳилаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илм, саҳми шахсии унвонҷӯ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи рисола, сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Боби аввали рисола **«Таърихи ташаккул ва рушди таълими алифбои ниёгон дар Тоҷикистон»** масъалаҳои заминаҳои таърихии эҳёи илми шарқшиносӣ ва таълими алифбои ниёгон, зарурати таҷдиди назари барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ дар марҳилаи навин, таҳлили вазъи кунунии стандарт, барнома ва китобҳои дарсии Алифбо ва матни ниёгон ва масъалаи гузариш ба Алифбои ниёгон баррасӣ гардидааст.

Дар боби дувум андешаҳо доир ба «**Масъалаҳои умдаи таълими Алифбо ва матни ниёгон бо истифода аз роҳу усулҳои инноватсионӣ**» баён гардида, масъалаҳои таҳлили таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои методикаи таълими забонҳо, масъалаҳои умумии таълими ҳарфу овозҳо, тартиби омӯзиши ҳарфҳо, методҳои таълими қоидаҳои имло, қоидаҳои имло вобаста ба ҳарфҳои ҷудогона ва ба сохтори

калимаҳою ибораҳо, имлои калимаҳои иқтибосии русӣ-интернатсионалӣ натиҷагирӣ ва арзёбӣ гардидааст.

Дар боби сеюм муаллиф доир ба «**Такмили таълими Алифбо ва матни ниёгон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим**» мавқеи фанни Алифбо ва матни ниёгон дар миёни фанҳои мактабӣ, натиҷаҳои омӯзиши раванди таълими Алифбо ва матни ниёгон дар муассисаҳои таълимӣ ва масъалаҳои дастгирии омӯзгорон дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим, нақши воситаҳои аёнӣ дар баланд бардоштани сифати таълим, хусусиятҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими Алифбо ва матни ниёгон таҳқиқот намудааст.

Дар баробари ин дар автореферат хулосаву тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва мундарича ва натичаҳои асосии таҳқиқот ишора гардидааст.

Хуласа, автореферати диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродич дар мавзуи «**Методҳои инноватсионии таълими Алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим**» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар асоси талаботи таҳия ва омодасозии автореферат мураттаб гардида, дар он муҳтаво ва мазмуни рисолаи илмӣ дарҷ гардидааст.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хсурав» Саидов Ҷабор Зубайдович

Нишонӣ: 735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Нишонии электронӣ: nazarov.mekhrubon@list.ru телефони мобилӣ: 919711838

Имзои Саидов Ҷаборов Зубайдовичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ. А.